# Дӯстон, ҷашни дилафрӯз муборак бошад,
# Нафаси тозаи Наврӯз муборак бошад!

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №33 (2860) | СЕШАНБЕ, 20 МАРТИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## Соҳиби хонаҳои зебои хизматӣ шуданд

**16 марти соли 2012 дар арафаи ҷашни пурифтихори Наврӯзи оламафрӯз бо ғамхории Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон 352 оилаи кормандони сохторҳои қудратӣ соҳиби хонаҳои зебои хизматӣ шуданд.**

Дар кӯчаи Нусратулло Махсуми пойтахт бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон 4 бинои нави нӯҳошёнаи истиқоматӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон калидҳоро ба қисмате аз соҳибони хуштолеи ин хонаҳо тақдим намуда, онҳоро бо ин рӯйдоди пурфараҳ дар рӯзгори оилавиашон табрику таҳният гуфт.

Тавре зикр гардид, дар ин ҷо 352 нафар кормандони сохторҳои қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқи кишвар аз Вазорати мудофиа, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Гвардияи миллӣ, Қӯшунҳои сарҳадӣ, Прокуратураи генералӣ, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра соҳиби хонаҳои якҳуҷрагӣ ва дуҳуҷрагию сеҳуҷрагӣ шуданд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба сифати сохтмон ва корҳои ороишу таҷҳизи биноҳои истиқоматӣ, аз ҷумла хонаҳои барҳавои онҳо баҳои баланд дода, таъкид дошт, ки минбаъд низ чунин тарзи кор ривоҷ дода шавад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни сӯҳбат бо ҷамъи соҳибони хонаҳои нав аз сохторҳои номбурда аз ғамхории пайвастаи роҳбарияти Давлату Ҳукумат ёдовар шуда, онҳоро ба хизмати софдилонаю содиқона ва муҳимтар аз ҳама ба муомилаю муносибати хуб бо мардум ҳидоят намуд.

***www.prezident.tj***

Зиё АБДУЛЛО

## НАВРӮЗ

*Дуогӯ бо лаби гулхойи Наврӯз,*
*Равам сӯи ту, эй зебойи Наврӯз.*
*Ки Наврӯзи гули ишқи ту зода,*
*Зи дунёи дилам дунёи Наврӯз.*
*Замин пойи гул андар лаб нихода,*
*Фалакро менавозад нойи Наврӯз.*
*Камонханди арӯси осмон рехт,*
*Ба шохи бекасабболойи Наврӯз.*
*Замини чашм шуд гардун сароро,*
*Ки омӯзад заминпарвойи Наврӯз.*
*Зи зардуштӣ ба мавлойӣ расидем,*
*Чу сӯфӣ ғарқаи дарёйи Наврӯз,*
*Надидам сӯфие наврӯтар аз ӯ,*
*Чӣ худрӯяст Мавлонойи Наврӯз.*
*Магӯ гулнозии мо бозии тифл,*
*Ҷаҳон тифл аст бар момойи Наврӯз.*



## Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Москва сафар кард

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 19 марти соли 2012 бо мақсади иштирок дар ҷаласаи Шӯрои байнидавлатии Иттиҳоди иқтисодии Евразия ба шаҳри Москваи Федератсияи Россия сафар кард.**

Дар фурудгоҳи байналмилалии пойтахт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Худоёров ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати хориҷӣ Эркин Раҳматуллоев, вазири рушди иқтисод ва савдо Шариф Раҳимзода ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ мекунанд.

***www.prezident.tj***

● Дар кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон



## Қонунҳо қобили ҷонибдорӣ дониста шуданд

**Шонздаҳуми март таҳти раёсати Убайдулло Қурбонов ҷаласаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонону занон дар ҷомеа баргузор шуд.**

Зимни суханронии ифтитоҳӣ Убайдулло Қурбонов минҷумла зикр кард, ки ба рӯзномаи ҷаласа масъалаҳои зерин -Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» ворид шудаанд.

Аъзои Кумита масъалаҳои рӯзномаи ҷаласаро мавриди баррасӣ қарор дода, дар маҷмӯъ онҳоро қобили ҷонибдорӣ донистанд.

Дар анҷом вобаста ба масъалаҳои зикршуда дар алоҳидагӣ хулосаҳои кумита ба Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***



Суратгир А. ИСОЕВ

## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**19 марти соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯро бо дарбаргирии масъалаҳои зерин тасдиқ шуд:

«Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар бораи шартҳои будубоши Дафтари Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Х.Юсуфӣ, оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон М.Ватанов, оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот О.Салимзода масъалаҳои рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷиҳати баррасӣ пешниҳод намуда, тавзеҳ доданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои номбурда таври алоҳида қарорҳо қабул карда, ин масъалаҳоро барои баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҷорум пешниҳод намуд.

Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзамон дигар масъалаҳои марбути фаъолият мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***



## Қонунҳои нав ба манфиати ҷомеаанд

**Шонздаҳуми март ҷаласаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология баргузор шуд.**

Раиси Кумита Давлатшо Гулмаҳмадов изҳор дошт, ки рӯзномаи ҷаласа фарогири масъалаҳои зерин: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати растаниҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад.

Доир ба масъалаҳои мавриди баррасӣ аъзои Кумита фикру андешаҳои хешро иброз дошта, ҷонибдории онҳоро муҳиму саривақтӣ арзёбӣ карданд. Дар хотима вобаста ба масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа дар алоҳидагӣ хулосаҳои кумита ба Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуд.

***Д. АБДУЛЛО, «Садои мардум»***

# Наврӯз ба ҳар пиру ҷавон бод муборак,
# Бар дуртарин бурҷи ҷаҳон бод муборак!

## Наврӯз - ҷашни бедорӣ ва худшиносӣ

Наврӯз бузургтарин ҷашни миллии мардуми ориёӣ, оғози соли нави шамсӣ, пайвандгари инсону табиат, мавсими киштукори баҳорӣ ва аз нигоҳи илмӣ дақиқтарин мизони баробаршавии шабу рӯз, яъне эътидоли баҳорӣ аст, ки онро ҳанӯз Умари Хайём ҳазор сол пеш аз ин дар тақвими солшумории хуршедии худ исбот карда буд.




Гузаштагони тамаддунсозу фарҳангии мо - тоҷикон аз замонҳои қадим ҷашнҳои бузурги Наврӯз, Меҳргон ва Садаро бо риояи расму анъанаҳои куҳан таҷлил менамуданд. Бояд зикр кард, ки тибқи донишу таҷрибаи онҳо дар асрҳои бостонӣ фаслҳои солро ба давраҳои гармо ва сармо тасниф менамуданд. Ин ду фасли сол, яъне гармо - тобистон аз ҳафт моҳ ва сармо - зимистон аз панҷ моҳ иборат буданд.

Дар ҳар яке аз ин фаслҳо ҷашне баргузор мегардид, масалан, ҳангоми фарорасии фасли гармо хонаву кӯчаҳоро тоза карда, гулҳоро аз гармхонаҳо ба чаманистонҳои сабзу хуррам мебароварданд, аз дидани чеҳраи дилорои офтоб хушҳол мешуданд, интизори расидани падидаҳои тозаи рӯзгор, беҳбудии шароити вазъи ҳаво, рустани гулу гиёҳҳо ва дигар зироатҳои кишоварзӣ, яъне бедории табиат гардида, онро бо некрӯйӣ пешвоз мегирифтанд.

Онҳо Наврӯзро ҷашни офариниши инсонҳо медонистанд ва дар фарҳанги асилу азими ҷовидонаашон ин падидаи абадии башариро мӯътабар мешумориданд. Мутобиқи маълумоти маъхазҳои қадимӣ, баъзе олимон таърихи пайдоиши инкишофи Наврӯзи оламафрӯзро ба ялону паҳлавонон ва шоҳаншаҳони асотири ориёӣ, аз ҷумла Ҷамшеди Пешдодӣ, Таҳмураси Девбанд, Каюмарси Кӯҳшоҳ ва Фаридун нисбат медиҳанд.

Дар ин рӯз расм аст, ки мардум барои якдигар ширинӣ мефиристанд, зеро дар рӯзи Наврӯз найшакарро ёфтанд ва ком ширин карданд, ки он ба яке аз фазилатҳои иди баҳор табдил гардид. Дар ин рӯз Худованд Муштариро биофарид ва фархундатарин соатҳои он рӯз соатҳои Муштарӣ аст. Аз ин ҷост, ки онро «рӯзи умед» ном ниҳоданд. Дар бомдоди Наврӯз ҳар кас шакар бичашад, дар ҳама сол аз анвои офатҳо солим хоҳад монд.

Дар ин радиф, ҷашни миллии Наврӯзро баробар бо мардумони ориёинажод дигар халқҳое, ки бо сарзамини бузурги Аҷам ҳамеша робитаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ доштанд, бо тамоми одобу русумаш ҳамчун яке аз ҷузъҳои таркибии фарҳанги миллиашон пазируфтаанд, ки ин, бешубҳа, баёнгари меҳру муҳаббат, тарғибгари некиву накукорӣ ва бунёдкориву созандагӣ будани Наврӯзи Аҷам мебошад. Ҳамин ғояҳои умумибашарии Наврӯз соли гузашта аз ҷониби Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид эътироф гардид ва ниҳоят Қатъномаи «Рӯзи ҷаҳонии Наврӯз» қабул шуд.

Суннату таомулҳои неку писандидаи аз кинаву кудурат пок кардани дилҳо, бахшидани гуноҳҳо, авфи якдигар, таҳким додани риштаҳои дӯстиву рафоқат, аёдати пирону беморон, дастгирии ятимону маъюбон, мӯҳтоҷону эҳтиёҷмандон, инчунин афрӯхтани гулхани наврӯзӣ, густурдани ҳафтхони наврӯзӣ, шинонидани ниҳол, ҷуфтбаророн, пошидани донаи умед, баргузор кардани мусобиқаҳои паҳлавонӣ ва таконидани ҷиҳозу асбоби хона имрӯз ба шарофати ҷаҳонӣ шудани Наврӯз моҳияти худро дубора эҳё намуда, ба фарҳангу маданияти халқҳои гуногуни олам таҳвил меёбанд.

Мо аз рисолаву осори бахшида ба Наврӯз ва наврӯзномаҳои сершумори гузаштагонамон хуб медонем, ки ниёгони мо ҳанӯз аз замони шоҳ Ҷамшеди бузургу хирадманд ин ҷашнро ҳамчун рамзи пайванди ногусастанӣ миёни табиат ва инсон, айёми покиву сафо, муҳаббату дӯстӣ, эҳсону сахо ва бахшоишу самимият бо шукӯҳу ҷалоли хоса таҷлил мекарданд, зеро он, тибқи илми ситорашиносӣ, ба нахустрӯзи офариниши баҳор, рӯйидани сабзаву ҷон гирифтани рӯдҳо, шукуфтани гулҳо ва зинда шудани умеду орзу дар қалби инсонҳо ва муҳимтар аз ҳама, ба лаҳзаҳои баробар шудани шабу рӯз рост меояд.

Яъне, Наврӯз оғози соли нав ва ибтидои тақвими нав мебошад.

Ҷашни Наврӯз, баъди истилои араб то таъсиси давлати Оли Сомон, бахусус то ба он айёме, ки Исмоили Сомонӣ давлати мутамаркази тоҷиконро абарқудрат гардонид, коҳиш ёфта буд. Маҳз дар аҳди салтанати Сомониён тавассути рушду такомул ва ривоҷу равнақи фарҳангу адабиёт ҷашни Наврӯз ва дигар суннатҳои қадимаи мо аз нав эҳё гардид. Қудрати фарҳангу эътибори давлатдорӣ буд, ки ҳатто Наврӯзро дар даврони Аббосиён чун ҷашн эътироф намудаанд.

Сомониён, ки ба анъанаҳои миллии тоҷикон бештар эътибор медоданд, барои дар байни мардум эътибор ва обрӯйи худро афзун гардонидан ба равнақу ривоҷи расму ойин, тавре ки ишора намудем, ба фарҳанги гузашта ва анъанаҳои миллӣ ҳавасмандии зиёде зоҳир намуданд. Роҷеъ ба ҷашнгирии Наврӯз дар аҳди Сомониён бештари маълумотро аз ашъори шоирони он давра пайдо намудан мумкин аст. Баъди пош хӯрдани давлати Оли Сомон ва ба сари қудрат омадани аҷнабиён то замони мо ҷашни Наврӯз дар байни халқи заҳматакаш ва табақаҳои боло бо баъзе тағийрот ва риояи суннатҳои бостонии худ ҷашн гирифта мешуд. Дар шаҳру минтақаҳои тоҷикнишин - Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Кеш, Насаф, Истаравшан, Деҳнав, Тирмиз, Хатлон, Панҷакент, Ҳисор, Рашт, Дарвоз, Бадахшон ва ғайра мардум ҳамасола хеле барвақт аз вуруди ҷашн омодагӣ гирифта, Наврӯзро бо фараҳу шодӣ ва мусиқиву таронасароӣ бо созмон додани дилхушиҳои зиёд чун чавгонбозӣ, бузкашӣ, расанкашӣ, паҳлавонӣ, гурзпартоӣ, пойгаҳ, дорбозӣ, намоиши лӯхтак ва ғайра таҷлил менамуданд.

Ҷашни Наврӯз тӯли асрҳо дар баробари ин ки ба ривоҷи маданияти заминдориву зироаткорӣ ва боғдориву ободгарӣ мусоидат намудааст, ҳамчунин ба инсонҳо чун фарҳанги волои ҳамёриву ҳамкорӣ ва омили муҳими таҳкими сулҳу ваҳдат ва тавсеаи накукориву хайрхоҳӣ хизмат кардааст. Яке аз сабабҳои ҷаҳонишавӣ ва дар байни халқу давлатҳои дигар доман паҳн кардану гиромӣ шудани Наврӯзи Аҷам, бешубҳа, дар ҳамин аст.

Боиси ифтихори мо - мардуми ориёитабор аст, ки соли 2010 Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид дар асоси ташаббуси Тоҷикистон ва бо пуштибонии чандин давлатҳои дигар доир ба ҷашни байналмилалӣ эълон намудани Наврӯзи Аҷам қатънома қабул кард.

Имрӯз, ки давлати мо соҳибистиқлол аст ва мо худро боифтихор ворисони Оли Сомон мегӯем, месазад, ки ба даъватҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳамовоз гардида, суннатҳои некуямонро, аз ҷумла Иди Наврӯзро дар сатҳи баланд дар густариши сулҳу салоҳ, ваҳдати миллӣ, якпорчагии Тоҷикистони азиз таҷлил намоем ва Наврӯзи оламафрӯзро ба ҷашни ишқу муҳаббат, дӯстиву рафоқат, меҳру шафқат ва сабзу хуррамии ин куҳандиёр мубаддал гардонем.

***Раҳмонқул ШАРИФОВ, ректори Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,***

***Раҳматулло АСАДУЛЛОЕВ, ноиби ректор оид ба корҳои илмӣ Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон***



## Хазинадори Наврӯз

Мо, пеш аз ҳама, аз он ифтихормандем, ки бо ҷидду ҷаҳд ва азму талоши чандинсолаи Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз суннатҳои қадима ва ориёнаи гузаштагони халқи тоҷик - Наврӯзи Аҷам ба иди саросарии миллат ва халқиятҳои ҷаҳон, яъне ба Иди Наврӯзи байналмилалӣ табдил ёфт.

Инак, ба сарзамини куҳанбунёду тозаистиқлоли мо Наврӯзи соли 2012 на танҳо чун қосиди бедоршавии табиат, фарорасии баҳори нозанин – арӯси сол, балки Наврӯзи байналмилалӣ чун василаи бузурги пайванди риштаҳои дӯстиву ҳамкорӣ ва якдигарфаҳмию ваҳдати умумии байни тамоми сокинони сайёраи Замин қадамҳои муборакі худро мегузорад.

Фарорасии Наврӯзи байналмилалиро хурду бузурги кишвар дер интизор буданд ва барои дар сатҳи шоиста таҷлил намудани он корҳои омодагии зиёд ва савоберо барои саҳмгузорӣ ба ин анъанаи неки ниёгон ба сомон расониданд. Яке аз тӯҳфаҳои боарзиштарини кишвар ба таҷлили ин иди бузург, ин мавриди истифода қарор додани биноӣ нави мӯҳташам ва беназир дар миёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил – биноӣ Муассисаи давлатии Китобхонаи миллиии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ин тӯҳфаи хотирмон ва арзишманд барои мардуми шарифи китобдӯсту фарҳангпарвари мо дар саҳифаҳои таърихи давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол бо хатҳои заррин сабт хоҳад ёфт.

Биноӣ нави китобхона ҷавобгӯйи талаботи байналмилалии китобхонаҳо ва хоса илми китобшиносӣ буда, аз толорҳои зиёди ҳозиразамон, залҳои қироат ва нигоҳдории китоб, таҷҳизоти ҳозиразамони техникии хизматрасон, шароити муносиб барои худомӯзӣ, кори эҷодӣ, ҳамзамон осоишу фароғати кормандону мизоҷон фароҳам оварда шудааст.

Барои қонеъ намудани талаботи мизоҷон ва дар асоси талаботи ҷаҳонӣ ба роҳ мондани коргузорӣ ва хизматрасониҳо, маъмурияти китобхона барои интихоби дуруст, ҷо ба ҷо кардани кормандон тӯли якчанд моҳ озмунҳо эълон намуд. Пеш аз ҳама мутахассисони ҷавону кордон, дорои маълумоти библиографӣ, донандаи хуби забонҳои давлатӣ, русӣ, хориҷӣ ва малакаю маҳоратҳои бо воситаҳои муосири электронӣ, аз ҷумла компютеру интернет сарукордошта ва дорои одоби ҳамида ва муошарати хубро ба кор қабул намуданд. Ҳоло ҳам ин кори басо масъул ва аҳамияти аввалиндараҷадошта дар китобхона давом дорад. Боварӣ дорем, ки мутахассисони арзанда, фарҳангдӯсту ватандӯст барои ба халқу Ватани хеш хизмат кардан дар канор наистода, дар озмунҳои навбатӣ иштирок хоҳанд кард.

Азбаски Китобхонаи миллии Тоҷикистон як навъ оинаи фарҳанги миллат ба шумор меравад, маъмурият тасмим гирифтааст, ки ҳар як ходими он нафақат дониши касбӣ, муомилаю муошарати хуб бо мизоҷон дошта бошанд, балки либоси махсуси корӣ, дар рӯзҳои ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ бошад, бо либоси миллии шинам машғули фаъолият бояд бошанд.

Яке аз сабабҳои аз байн нарафтани ин ҷашни бузург ва омили муҳими ҷаҳонӣ шудани Наврӯз низ инъикоси ин суннати қадима дар ашъори классикони форсу тоҷик ва асарҳои машҳури онҳо дар бораи Наврӯз (Наврӯзномаҳо), ба шумор меравад. Ба ин муносибат дар пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таълимгоҳҳо ва муассисаҳои зертобеи вазоратҳои маориф ва фарҳанг семинару конфронсҳои илмӣ-методӣ, вохӯриҳо бо олимон, аҳли қалам доир гардиданд ва имрӯзҳо чунин тадбирҳо дар саросари кишвар идома доранд. Дар ин ҳамоишҳои илмӣ - адабӣ пажӯҳишҳои нави олимони соҳаҳои гуногун дар васфи Наврӯз мавриди муҳокима қарор дода мешаванд. Боиси ифтихори мо аст, ки Китобхонаи миллии Тоҷикистон низ чун хазинадори асосии Наврӯзи Аҷам барои нигоҳдории суннатҳои қадимаи ин ҷашни аҷдодӣ, рушду такомул, билохира ба ҷаҳонӣ шудани он хизмати арзандае намудааст ва дар оянда низ хоҳад кард. Воқеан, бо ҷаҳду талоши кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ тӯли солҳои зиёд адабиёти илмию адабии зиёде дар бораи Наврӯз гирд оварда, дар хизмати хонандагони хеш қарор дода шуда буданд. Корҳои арзанда ва ҷолибе тавассути таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои бевоситаи Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба гирд овардан, идома додани пажӯҳишҳои илмӣ – тадқиқотӣ дар сатҳи наврӯзшиносӣ, тарҷума, таълифот ва ба нашр расонидани адабиёти гуногун оид ба таърих, расму оинҳо ва рушду такомули минбаъдаи ин ҷашни бузург ба сомон расонида шуд. Аз ин ҷост, ки агар мақолаю рисолаҳои дар матбуоти замони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон интишорёфтаро ба ҳисоб гирем, номгӯйи наврӯзномаҳо ба ҳазорон адад расидааст.

На танҳо олимон-наврӯзшиносони дохилӣ ва кишварҳои соири ИДМ, балки олимону коршиносони давлатҳои гуногун, мамолики Шарқу Ғарб низ аз ин дурдонаҳои бебаҳои хазинаи мо истифода бурдаанд ва истифода хоҳанд бурд. Мо ният дорем, ки толори алоҳидае бо номи Наврӯз таъсис дода, онро бо кулли адабиёти илмию адабии ба Наврӯз тааллуқдошта ба намоиш гузорем. Барои рафъи мушкилоти мизоҷон бошад ва бо мақсади ҳар чӣ зудтар дарёфт намудани адабиёти зарурӣ доир ба Наврӯз феҳристи нави наврӯзномаҳоро дар таҳрири нав тартиб дода истодем. Чунин феҳрист ҳамасола аз ҳисоби адабиёти навтаълиф мукаммал гардонида мешавад.

Нақшаи дигари дурнамои фаъолияти мо он аст, ки бо унвонии «Наврӯз» маҷаллае оид ба китобшиносӣ ташкил намоем, то дар саҳифаҳои он фаъолияти китобхона дар шароит ва имкониятҳои нави ташкилнамуда, масъалаҳои назария ва амалияи китобшиносӣ, ташвиқ ва тарғиби китобхонӣ, ҷалби мардум, алалхусус насли наврас ба китобу китобхонӣ, омӯзиш ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадами шӯъбаҳо, кормандони алоҳида ва ғайра инъикос ёбанд. Дар назар аст, ки маҷалла мувофиқи талаботи имрӯзаи ҷаҳонии интиширот ороиш дода мешавад.

Китобхонаи миллии Тоҷикистон калидест, ки барои кушодани қулфи хазинаи Наврӯз дар кишвари соҳибистиқлоламон имконоти васеъро фароҳам меорад ва бо мурури замон ин хазина боз ҳам ғанию рангинтар мегардад.

Дар назар аст, ки меҳмонони хориҷии ҷашнвораи байналмилалии Наврӯз-2012 аз ин кохи хирад, дониш ва хазинадори Наврӯз - Китобхонаи миллии Тоҷикистон дидан ба амал меоранд. Бо боварии том гуфта метавонем, ки меҳмононро на танҳо намуди зоҳирии ин биноӣ мӯҳташам ва таҷҳизоти муосири он, балки ташкили кор, хизматрасонии ходимони шӯъбаҳои бешумори китобхона, тарзи муносибат, муошират ва хизматрасонии онҳо, алалхусус хазинаи бузурги олами маънии гирдоварда, китобҳои нодир, аз ҷумла наврӯзномаҳо, бешубҳа ба ваҷд меоварад.

***Саидҷаъфар САФАРОВ, муовини аввали директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон***

## Армуғони наврӯзӣ ба Хонаи кӯдакон

Дастгирӣ ва ёрӣ расондан ба толибилмон, бахусус онҳое, ки аз навозиши падару модар маҳруманд, кори хайру савобест. Дар кишварамон анъана шудааст, ки дар арафаи ҷашнҳо ба ин гурӯҳи ниёзманд шахсони саховатманд, идораву ташкилотҳо ёрӣ мерасонанд. Аз ҷумла дар арафаи Иди байналмилалии Наврӯз аз Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарбиятгирандагони Хонаи кӯдакони деҳаи Танобчии ноҳияи Темурмалик кӯмаки хайрия расонданд. Тавре аз котиботи вазорат иттилоъ доданд, ин кӯмак маводи хӯрока, аз қабили нахӯд, марҷумак (гречка), лӯбиё, шакар, макарон, гӯшту биринҷ, равған, пиёз, сабзиву картошка, шалғам, маводи доруворӣ, бастаи рахти хоб ва сару либосро, ба маблағи 15445 сомонӣ, дар бар мегирифт. Дар хонаи кӯдакони мазкур, ки 121 нафар тарбиятгирандагонро дар оғӯш гирифтааст, соли гузашта тӯйи суннатии 40 нафари онҳо баргузор гардида, ба ин муносибат ба тифлон тӯҳфаҳо супорида шуда буд.

***Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

## Наврӯз дар Ғончӣ

Таҷлили Иди байналмилалии Наврӯз дар ноҳияи Ғончӣ дар ду минтақа рӯзҳои 22 ва 23-юми март барпо мешавад.

-Пештар ҷашнгирии Наврӯз танҳо дар варзишгоҳи маркази ноҳия сурат мегирифт ва ростӣ иштироки мардумони минтақаҳои аз маркази ноҳия дур ба ин чорабинӣ мушкил буд. Акнун сокинони минтақаи Калининобод, ки иборат аз деҳоти Овчӣ, Ростровут, Далён ва Калининобод мебошанд, роҳи дурударозро тай накарда, дар худи минтақаашон Наврӯзро бо тамоми шукӯҳу шаҳоматаш, аз ҷумла ташкили суннату анъанаҳои наврӯзии дорбозӣ, бузкашӣ, ҳунарнамоии санъаткорон ва ғайра истиқбол хоҳанд гирифт.

Ҷашни наврӯзии минтақае, ки деҳоти Муҷум, Ғазантарак, Гулистону шаҳраки Ғончиро дар бар мегирад, чун ҳамеша дар маркази ноҳия, дар варзишгоҳ сурат хоҳад гирифт,- гуфт муовини раиси ноҳия Зебунисо Азимова.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***






**• Муждаҳои наврӯзӣ**

## Мушкилоти мардум осон шуд

Дар арафаи ҷашни фархундаи Наврӯз аксари бошандагони шаҳри Сарбанд бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин гардиданд. Бо иқдоми Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва дастгирии молиявии созмонҳои байналмилалӣ бо сарфи 70 ҳазор доллари амрикоӣ шабакаи обтаъминкунии шаҳр, ки солҳои тӯлонӣ корношоям буд, таъмиру барқарор гардид.

Ин иқдом имкон фароҳам овард, ки ҳафтод фоизи аҳолии маҳаллӣ бо оби нӯшокӣ дастрасӣ пайдо намоянд. Масъулин ният доранд, ки боз бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва маблағгузории буҷети маҳаллӣ мушкилоти обро барои аҳолии боқимонда низ ҳал намоянд.

***Д.СУЛТОНОВ, «Садои мардум»***

## Маркази нави хизматрасонии компютерӣ

Дар маркази ноҳияи Мӯъминобод бо ҷаҳду талоши соҳибкор Хуршед Сафаров Маркази хизматрасонии компютерӣ дар арафаи иди Наврӯз дари худро ба рӯйи муштариёнаш боз намуд. Масъулони марказ дар баробари маҷмӯи зиёди хизматрасониҳои компютерӣ, инчунин кори табъу нашри шиору овезаҳои замонавиро, ки дар ҳудуди ноҳия эҳтиёҷ ба он дар ҳоли афзоиш аст, ба роҳ мондаанд.

-Шахсан барои мо, ноширони ин ноҳияи дурдасти кӯҳистон, ки мудом роҳи дурударозро тай карда, барои чопи мавод, бахусус рӯзнома ба Душанбе мерафтем, акнун рӯйи кор омадани чунин як марказ падидаи нек маҳсуб меёбад,- мегӯяд муҳаррири рӯзномаи ноҳиявии «Субҳи меҳнат» Нурулло Ҳасанов.

***Т.ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»***

## Бузургон дар васфи Наврӯз

*Бод бар ту мубораку хунишон,*
*Ҷашни Наврӯзу гӯспандкушон.*
**Абӯабдуллоҳи РӮДАКӢ**

*Зи кӯи ёр меояд насими боди наврӯзӣ,*
*Аз ин бод ар мадад хоҳӣ, чароғи дил барафрӯзӣ.*
*Ба бӯстон рав, ки аз булбул тариқи ишқ ёд гирӣ,*
*Ба маҷлис ой, к – аз Ҳофиз сухан гуфтан биёмӯзӣ.*
**Ҳофизи ШЕРОЗӢ**

*Фасли Наврӯз асту навбар мерасад,*
*Ғунчаи навхези ман дармерасад.*
**Ҳасани ДЕҲЛАВӢ**

*Мардуми бехонумон,*
*Ибтидои бахт аз Наврӯз мепиндоштанд,*
*Бар ҳамин рӯзи муқаддас эътиқоде доштанд.*
**Мӯъмин ҚАНОАТ**

*Сари соли нав Ҳурмузи фарвардин,*
*Баросуд аз ранҷ тан, дил зи кин.*
*Бузургон аз шодӣ биёростанд,*
*Маю ҷому ромишгарон хостанд.*
*Чунин ҷашни фаррух аз он рӯзгор,*
*Бимонда аз он хусравон ёдгор.*
**Абулқосим ФИРДАВСӢ**

*Фасли Наврӯз аст, шояд ки ҳавои тозае*
*Булбулу гулро шуда баргу навои тозае.*
*Дода хуршеди фалак табдил ҷои хешро,*
*То шавад ойинарӯёнро сафои тозае.*
**Сайидои НАСАФӢ**

*Дар ҳавлии мо олуяке пеши дар аст,*
*Имрӯз баҳор омаду вай гулбасар аст.*
**Ашӯр САФАР**

*Фасли Наврӯз, ки овард тараб бар ҳама халқ,*
*Чашми бадрӯзи маро навбати борон овард.*
**Амир Хусрави ДЕҲЛАВӢ**

*Гули ман, иди Наврӯзат муборак,*
*Чунин ҷашни дилафрӯзат муборак.*
*Маро Наврӯз бе ту кӯҳнарӯз аст,*
*Чу ман ёри бадомӯзат муборак.*
**ЛОИҚ**



*Иди Наврӯз омаду дил бар чаман маъво гирифт,*
*Дурри шабнам ҳамчун идӣ дар кафи гул ҷо гирифт..*

# НАВРӮЗ БАДАЛ КАРД БА ДИЛ ПИРУ ҶАВОНРО

***Наврӯзи имсола бо шукӯҳу шаҳомат ва файзу баракати хеш аз наврӯзҳои пешина тафовути калон дорад. Чунин аст андешаҳои чанде аз сокинони шаҳри Истаравшан, ки фарорасии Наврӯзи хуҷастафол ва баҳори нозанинро бесаброна интизорӣ мекашанд.***



***Ҳоҷӣ Ҷӯра Бобоев, 84 -сола, раиси хоҷагии деҳқонии «Ҷӯра Саркор», дорандаи орденҳои «Байрақи Сурхи Меҳнат» ва «Шараф» дараҷаи 2:***

-Дар урфият мегӯянд, ки «Мард он аст, ки ҳаросон нашавад, мушкиле нест, ки осон нашавад». Ба назари ман, маҳз далерӣ, шуҷоат, матонат, ғайрату ватандӯстии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сабаб шуд, ки давлати мо аз як мамлакати ҷангзада ба кишвари тинҷу озоду ободу мубаддал гардад. Ба шарофати ҳамин марди шариф Наврӯзи тоҷикон низ мақоми ҷаҳониву байналмилалӣ гирифт.

Наврӯз пеш аз ҳама иди кишоварзон аст. Дар китобе хонда будам, ки тоҷикони мо аз қадим аввали Наврӯзро «Наврӯзи кишоварзон» меномидаанд, ки ин дуруст аст, зеро аввали баҳор, бо фарорасии Наврӯз табиати хуфта аз нав бедор мешавад ва барои марди деҳқон мавсими кор меояд.

Дар Истаравшани мо аз қадим одате буд, ки баробари расидани пойи Наврӯз, ки онро «Иди сари сол» низ меноманд, нахустин маросим ва суннати ин ҷашни хуҷаста ташкил кардани «Ҷуфтбаророн» мебошад. Пештар дар ин рӯз занҳо ҷамъ омада, чалпак мепухтанд. Чалпак ба ин маъно, ки он аз орди гандум пухта мешавад ва бо равғани чалпак шоху даҳони барзагови ҷуфтӣ ва омочро ба ният равған мекарданд ва бо дуои пирони кор заминро ҷуфт карда, тухми гандум мекоштанд. Чалпакро ба пирону ҷавонону бачагон тақсим намуда, дуо мекарданд, ки «Хонаи ҳамаатон пури гандум шавад».

Имрӯз ҳам ҳамаи суннатҳои таҷлили иди Наврӯз дар Истаравшан пойбарҷост. Фақат ҷойи барзагову омочро трактору плуг гирифтааст.

Шумор кардани мучал (мӯчал) ҳам дар байни мардуми мо аз фарорасии ҷашни Наврӯз оғоз мешавад ва чӣ гуна омадани солро аз рӯйи ҳамин мучал муайян мекунанд. Имсол соли «Наҳанг» ё худ «Моҳӣ» мебошад. Худо хоҳад, соли нек, соли ҳосили фаровон мешавад. Аз ин рӯ, боришот ҳам хеле бисёр шуд, ки ин фоли неку неъмат мебошад. Неъмати Парвардигор. Аз ин рӯ, мо бояд нағз, ҳалол меҳнат кунем, Худо подошашро медиҳад.

Ман ҳарчанд хеле пир шудаам ва ҳамагӣ шаш моҳ пеш ба нафақа баромадам, ҳоло ҳам ҳамроҳи писарону келинҳою набераҳо меҳнат мекунам. Ман ҳафт писар дорам ва онҳо бо ихлос хоҷагии деҳқонии моро «Ҷӯра Саркор» ном кардаанд. Мо дар ихтиёр 31,2 гектар замини корам дорем, дар он 70 нафар саҳмдорон кор мекунанд. Кори мо асосан парвариши ангуру мева аст. Тибқи нишондоди Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон навъҳои беҳтарини ангурро аз 8 ба 16 намуд расонидем. Кишмиши сиёҳу сафед, чиллагӣ, ҳусайнӣ, соҳибӣ, тагобӣ, тоифӣ, васарға ва ғайра.

Порсол аз ҳар гектар 195 сентнерӣ ҳосил гирифтем. 6,2 гектар боғ ҳам дорем. Себ, нок ва зардолу дорад. Аз ҳар гектар 60 сентнерӣ ҳосил бардоштем.

Имсол Худо агар хоҳад, ҳосилро аз ҳар гектар ангурзор ба 200 сентнерӣ ва аз боғҳо ба 100 сентнерӣ расониданием.

Аз Парвардигори олам талаб дорам, ки ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистонамонро тани сиҳату хотири ҷамъ диҳад, давлатамонро тинҷ ва умри Сарвари давлатамонро дароз кунад ва мардумонамонро ба рӯзҳои аз ин ҳам нектару беҳтар расонад.



**Султонмурод ҲОҶИБОЕВ-шоир, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон:**

-Басо хуш аст, ки ҷашни Наврӯзи мо чанде пеш байналмилалӣ шуд. Дар ин бора фикр мекунаму воқеае ба хотирам мерасад. Аввали солҳои навадуми асри гузашта солҳои даргириву ҷангу ҷидол дар кишвар барои дидани хешовандон аз Истаравшан ба ноҳияи Шаҳристон рафтам. Вақти бозгашт дар истгоҳи Шаҳристон интизори мошин будам, ки як мошини сабукрав омада, дар пешам истод. Истаравшаниҳо буданд. Дар паҳлуи ронанда як ҷавони хушбурут менишаст. Аз сӯҳбат фаҳмидам, ки тоҷир будаанду мева, аниқтараш себ мекофтаанд. Сари роҳ онҳоро ба хонаи як шиносам, воқеъ дар деҳаи Нофароҷ бурдам. Чанд хона пури себ буд, себи навъи «семеренко» (онро себи кабуд ҳам меноманд). Ҳамроҳонам себҳои калон-калони хушбӯйро бодиққат диданду ба андеша рафтанд.

-Нағз, фақат мана дар ин ҷойҳояш доғ доштааст,- афсӯс хӯрданд онҳо.

-Э, ин доғҳо безиён,-гуфтам ман ва аз кисаам кордчаро баровар да пӯсти себро тарошидам. Таги пӯст топ-тоза буд.

-Медонем, таги доғ тоза, зиён надорад, вале гап дар сари он аст, ки мо ин себҳоро ба шаҳрҳои Қазоқистон бурда мефурӯшем. Харидорон ин доғҳоро дида «тиррасида» гумон мекунанд…

Афсӯс, ки аксари мардум ҳамон солҳо дар ҳама ҷо ва ҳама чизи Тоҷикистон асари тирро медиданд. Хайрият, ки он рӯзҳои вазнин сипарӣ шуданду мардуми мо боз ба рӯзҳои нек расид. Ба шарофати ақли солим халқи шарафманди мо, сиёсатмадорони доно, хусусан Сарвари оқилу закии мо Эмомалӣ Раҳмон роҳи росту дурустро пайдо карданд. Инак, Тоҷикистон ба давлате табдил ёфт, ки дӯстонамон ба мо ҳавас мекунанд, дигарон ибрат мегиранд.

Наврӯз ҷашни некрӯзии мардум, оғози фасли зебои сол, шукуфтани гулҳост. Наврӯз барои мо, эҷодкорон, фасли саршории илҳом аст. Банда аксари шеърҳои хуби худро дар ҳамин фасл эҷод кардаам. Ба шарофати Сарвари давлатамон дар радифи даҳҳо музаффариятҳо Наврӯзи мо ҷаҳонӣ шуд. Ман чун як фарзанди ин Ватан мефахраму меболам. Меболам аз он, ки Наврӯзи мо ибрати ҷаҳониён шуд. Бигзор ҳамеша чунин бошад. Орзу дорам, ки ҳар рӯзи мардуми Тоҷикистон Наврӯзу Наврӯзашон пирӯз бошад.



**Барно АШРАФОВА-мудири шӯъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи раиси шаҳри Истаравшан:**

-Соли сеюм аст, ки ҷашни Наврӯз дар ақсои олам таҷлил мешавад. Пазируфта шудани ин ҷашни қадима ҳамчун иди байналмилалӣ аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид бозгӯйи он аст, ки ин иди аҷдодии мо, ки оламиён онро чун замони баробаршавии шабу рӯз, бедории табиат, фарорасии тараддудҳои марди деҳқон пазиройӣ мекунанд, арҷгузорист ба фарҳангу таъриху суннатҳои миллати мо, кишвари куҳани мо. Ин амри хайр бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсан Президенти мамлакат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири ҷаҳонишавии Наврӯз ба ин Созмони байналмилалӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ҷашн гирифтани Наврӯз рӯйи кор омад.

Мардуми Истаравшан ба ин ҷашни байналмилалӣ аз оғози баҳори хуҷастапай омодагӣ мегиранд. Яке аз суннатҳои он «Гулгардонӣ» ё «Бойчечак» мебошад. Суннати дигар ба муносибати ин ҷашни хуҷаста пухтани «Суманак» ва ё «Сумалак» ба ҳисоб меравад. Суманакро дастаҷамъӣ сабз мекунанд, кадбонуҳо дег мононда, аз оғози шом то субҳ мепазанд, баъдан ба табақҳо кашида, ба назди ҳозирин мегузоранд.

Дар шаҳри Истаравшан аз қадимулайём баробари фарорасии ин иди муборак мардум хонаҳоро тоза мекунанд, ки он «хонабаророн» ном дорад. Баъдан деворҳоро сафед мекунанд, ҷӯю ҷӯйборҳоро тоза мекунанд, шохи дарахтонро батартиб оварда, ба танаҳояшон оҳак мемоланд. Ҷойҳои истиқоматро бо гулу сабза ва шамъҳои ранга зинат медиҳанд, ба умеди он ки тамоми сол серию пурӣ шавад.

Боз як анъанаи маъмул дар байни ҷавонон ранг кардани тухми мурғ ва тухмбозӣ ба ҳисоб меравад. Духтарон дар даст дойра бо замзамаи сурудҳои Наврӯзӣ ба хонаҳои наварӯсон рафта, рақсу бозӣ ва хурсандиҳо мекунанд.

Истаравшаниҳо аз қадимулайём барои тозаю озода нигоҳ доштани муҳити зист ҳашарҳои дастаҷамъӣ ташкил карда, ба ободӣ, сабзу хуррамгардонии табиат диққати ҷиддӣ медоданд.

Суннати дигари ҷашни Наврӯз ёди гузаштагонро кардан, ба сари қабри хешу табор рафта, онро тозаю обод намудан ва гузашта аз ин кинаю адоватро аз дилҳо берун карда, ба ҳамагон боз намудани оғӯши меҳру муҳаббат мебошад. Дар ин айём мардум ба сайру саёҳат баромада, аз бӯйи хуши гулу сабзаҳои наврӯзӣ баҳра мебаранд. Оростани «ҳафтсин»-у «ҳафтшин» аз анъанаҳои қадимии ҷашни Наврӯз дар шаҳри Истаравшан ба ҳисоб меравад.

Инчунин рӯзҳои ҷашни Наврӯз дар маҳаллаҳои шаҳр доир намудани «Иди кӯча» ва гузаронидани озмунҳо оид ба ҳунарҳои пазандагӣ, дӯзандагӣ, бофандагӣ ва ғайра дар байни занону духтарон ба ҳукми анъана даромадааст. Намоиши гӯшаи табиати зинда, олами гулҳо, майдони маърифат (намоиши китоб, рӯзномаю маҷаллаҳо) ва ғайра баргузор сохтани озмунҳои ҳунариву варзишӣ, намоиши фолклорию этнографии маросими тӯй ва суннатҳои он аз ҳамин қабил мебошанд.

Имсол ҳам бахшида ба иди байналмилалии Наврӯз тибқи қарори раиси шаҳр нақша-чорабинии махсус оид ба таҷлили иди Наврӯз омода ва дар асоси он дар ҳамаи ҷамоатҳои деҳот ва маҳаллаҳои шаҳр тантанаҳои наврӯзӣ баргузор мешаванд.

Тантанаҳои Наврӯзи Истаравшан бо намоиши театрикунонидашудаи Раёсати фарҳанг дар Қалъаи таърихии Муғ ба анҷом мерасанд.

Дар фарҷом ҳамаи ҳамдиёронамонро бо фарорасии ҷашни Наврӯзи хуҷастафол шодбош мегӯям. Бароящон сиҳатии комил, барори кор ва хушиҳои рӯзгор таманно мекунам.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***



## Атри борон

*Эй тиру камони баъди борони баҳор,*
*Дар ҷомаи шоҳонаи пурнақшу нигор,*
*Бар анҷумани шодии наврӯзии мо*
*Шоҳона қадам бимону Наврӯз биёр.*

*Дар маҳфили лолаҳо қадаҳ гардон аст,*
*Ҳарфу сухану ҷоми фараҳ гардон аст.*
*Аз гармии тӯю тараби наврӯзӣ*
*Дар ҳар қадаҳе тоби нигаҳ гардон аст.*

*Ман шеъри баҳории нав эҷод кунам,*
*Дар синаи худ баҳор бунёд кунам.*
*Оҳанг бисозаму ба адвор кашам,*
*Бо созу навои нола азёд кунам.*

*Хушрӯи тамоми шаҳр бошад, гули ман,*
*Нилуфари сабзи баҳр бошад, гули ман.*
*Дар сифати ӯ балки галат кардам, чӣ?*
*Хушрӯи тамоми даҳр бошад, гули ман.*

*Мо мунтазири баҳор будем, расид,*
*Муштоқи ҷамоли ёр будем, расид.*
*Пазмони сияҳгӯшу гули наврӯзӣ,*
*Дилдодаи беқарор будем, расид.*

*Сардии зимистони диёрам бигузашт,*
*Як сол зи умри беқарорам бигузашт.*
*Дар ҳасрати рӯи ёр будем, лекин*
*Чун кабки рамида аз канорам бигузашт.*

*Гул рӯи гилеми сабзи Наврӯз омад,*
*Айёми хурӯҷи набзи Наврӯз омад.*
*Рақси гулу сабзаи баҳорон сар шуд,*
*Базми тарабу савти ҳазорон сар шуд.*

*Наврӯз чу офтоб сархуш омад,*
*Бо тантанаю табл дар огӯш омад.*
*Пеши қадамаш рақскунон, ҷилвазанон,*
*Баҳмангулу савсану сияҳгӯш омад.*

*Ин хирмани лола атри борон дорад,*
*Гулбогу чаман бӯи баҳорон дорад.*
*Дар оинаи дидаи мардум нигарӣ,*
*Наврӯзи Аҷам чеҳраи хандон дорад.*

**Ҷӯрабек МӮЪМИН**





## Арҷгузорӣ ба анъанаҳои миллӣ далели меҳандӯстист

Баъд аз мақоми байналмилалӣ гирифтани ҷашни Наврӯз таҷлили он низ моҳияти нав касб намуда, дар ҳама ташкилоту муассисаҳо бахшида ба он чорабиниҳо доир мешаванд. Мушоҳида мешавад, ки ҳама табақаҳои ҷомеа ин ҷашни фархундаро арҷ гузошта, ҷаҳонӣ шудани онро болоравии обрӯву эътибори кишварамон дар арсаи байналмилалӣ арзёбӣ менамоянд.

Чунин як чорабинии бошукӯҳ бо риояи тамоми унсурҳои ин ҷашн дар ҶСК «Агроинвестбонк» баргузор шуд. Ҷоиз ба зикр аст, ки ҶСК «Агроинвестбонк» сарфи назар аз муассисаи молиявӣ буданаш, бо ибтикори бевоситаи раиси Раёсати бонк Фаррух Тағоймуродов ҳама ҷашнҳои умумимиллӣ бо иштироки аҳли зиё ва санъаткорон дар сатҳи баланд таҷлил мешаванд. Дар оғоз роҳбарияти бонк ва меҳмонон аз намоишгоҳе, ки кормандони ҳама сохторҳои бонк бо риояи унсурҳои ҷашни Наврӯз, аз қабили «ҳафтсин» ва «ҳафтшин», омода намуда буданд, дидан карданд. Басо ҷолиб буд, ки кормандони бонк аз таҷҳизоту лавозимоти дар раванди фаъолият истифодашаванда «ҳафтсин» омода намуданд.

Зимни суханронӣ Фаррух Тағоймуродов аз таърих ва моҳияти ҷашни Наврӯз ёдовар шуда, мақоми байналмилалӣ гирифтани онро самараи ҷаҳду талоши Сарвари хирадсолори мамлакат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзёбӣ кард. Ҳамзамон тамоми паҳлуҳои ин ҷашнро шарҳ дода, бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил шудани онро аз ҷониби ҳама қишрҳои ҷомеа далели дорои ҳисси баланди худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ будани онҳо маънидод кард. Шоирони шинохта Мӯҳтарам Ҳотам ва Меҳринисо Бобобекова бо қироати ашъори тозаэҷодашон дар васфи ҷашни Наврӯз ба маҳфил шукӯҳи хоса бахшида, сурудаҳои ҳунарманди маъруф Ҳаётой Мӯъминова табъи ҳозиринро болида гардонид.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

# Кӯҳи наврӯзҷогаҳ дар Ёгед

## Аз таърихи Наврӯзи Дарвоз

*Ваҳ, чӣ айёми дилафрӯзу хушу*
*пирӯз аст,*
*Қадами хайру муборак қадами*
*Наврӯз аст.*

- Пирони кордидаи деҳа қариб ҳама нақлу ривоятҳоро дар бораи Наврӯз аз бобою бибиашон шунидаанд. Мегуфтанд, ки зодрӯзи ҷаҳон Наврӯз аст, дигарӣ Наврӯзро бо зодрӯзи Ҳазрати Одаму сеюмӣ бо поёнёфти гардиши солонаи замин ба даври офтобу мусовӣ афтодани рӯзу шаб медонистанд. Аксар ба тахт нишастани Ҷамшедро рӯзи нав ангоштаанд. Оре, чунин фикрҳоро медонистанду мегуфтанд, вале дар муайян кардани рӯзу ҷашн гирифтани Наврӯз анъана ва суннати худро доштанд, -иброз дошт яке аз мардони равшанзамири ноҳияи Дарвоз Адабҷон Амирҷонов.

Мардуми Дарвоз, бахусус сокинони деҳаи Ёгед, аз қадимулайём ин ҷашнро муқаддас медонистанд, онро қадру қайд мекарданд. Дар деҳа ҳама ба он ақидаанд, ки Наврӯз бо пайдоиши олам алоқаманд буда, бо баробаршавии шабу рӯз дар баҳор баробар меояд.

Дар аниқ кардани рӯзи ҷашн аз чанд восита истифода мебаранд, ки яке аз онҳо шинонидани офтоб дар хона ва бо корд хат кашидан дар шоҳсутун мебошад. Ин усул ҳар сол такрор меёбад. Равшании аз равзана дароядаи офтоб дар сутун из мегузораду ғурубашро хат мекашанд. Хати наврӯзии сутун нисбатан ғафс буда, тағйир намеёбад.

Дар кӯҳи ғарбии деҳа пастхамии ба дара монанде ҳаст, ки Наврӯзҷогаҳаш ном ниҳодаанд. Кӣ ва кай мондани онро касе намедонад, вале мӯйсафедони питовгоҳ (ҷойи аз шамол паноҳу ҷамъ омадан ва баҳра аз офтоб бардоштан) ҳар бегоҳ офтобро мешинонанду тахминан чанд рӯзи дигари ба Наврӯз мондаро муайян мекунанд. Назораташ то рӯзи ид аст.

Тарзи дигар ҳисобест аз рӯйи нишонаҳо, ки бо номи узвҳои одам номгузорӣ шудаанду аз нохун то камар давом мекунанд. Шумур аз рӯзҳои охири чиллаи калон сар мешавад: нохун, харк, линг, пайик, зону, ғунчк, кордавсун, харомез, камар…

Ҳар нишона ҳафт рӯз давом мекунад. Баъди се рӯзи аз камар гузаштан Наврӯз мешавад, ки ба 20-21 моҳи март аксаран баробар меояд.

Ҳисобдонҳои босаводтар баробаршавии шабу рӯзро меёбанд, ки аксаран ба 18-19 март рост меояд:

*Ҳаждаҳуми хутро Аҷуз*
*шумор,*
*Ки бувад аввали фасли*
*баҳор.*

Тайёрии асосӣ ба ҷашн як моҳ пештар шурӯъ мешавад. Мардҳо пайи таъмини хонавода бо хӯрокаю ҳезум мешаванд, зеро «Баъди Наврӯз сад кунда бисӯз» гуфтаанду барои гулхани наврӯзӣ ҳам ҳезум даркор аст. Хӯрданиҳои шаби бурвеҷ, ки лазизтарин таомҳо пухта мешаванд, ба зиммаи мардонанд. Занҳо бошанд, дар тараддуди тозаю озода кардани хонаву ҷой мешаванд.

Фаршу сақф, девору тирезаҳо бояд тамиз шаванд. Пештар дар деворҳои хона қадбачаҳо мекашиданд, ки баробари нуфуси аҳли оила буданд. Паҳлӯяшон расми нону кулчаҳо, ки ифодагари серию пурии соли наванд, акс меёфтанд.



Бояд дар дару девор, хонаю ҷой асаре аз сиёҳӣ намонаду нуру рӯшноӣ ҳукмфармо бошад, зеро сиёҳӣ наҳс асту нобудшаванда. Занҳо, алалхусус духтаракон ба тайёр кардани алвончакҳо машғул мешуданд, зеро амплитудаи ҳойи онҳо хеле баланд мешуду садояшон, ки «Дар як дастам гулу дар дасти дигарам рӯймол, ба гӯши авлодам салому ба танҳошон сиҳатӣ» ба дуриҳо парвоз мекард. Ин садо аз ҳама гӯшаҳои деҳа баланд мешуд. Бешак, меҳрфизост айёми гулу хондани булбулу садои марғуладори занҳои орою тороёфтаи болои алвонҷак. Занҳо дар тозагию озодагии либосҳои ҷашнӣ низ ҷавобгаранд.

Аз ҳама бештар омад -омади Наврӯзи хуҷастапайро кӯдакону наврасон интизорӣ мекашиданд, зеро бозиҳои гуногуни баҳорӣ баҳрашон муҳайё мегардиду тӯҳфаҳо баҳрашон омода. Тухмбозиро қариб ду моҳ пеш сар мекарданд, вале тайёрӣ ба онро ҳанӯз тирамоҳ шурӯъ мекарданд. Яке тухми мурғи марҷон меҷусту дигаре тухм «лукӣ» мекард. Тухмро сӯрохи нонамоён карда, дарунашро сурғуч ё моеи дигари сахтшаванда пур намуда, то баҳор онро дар охур – таги пору мемонданд. Кабкҳои ҷангӣ ва хурӯсҳояшонро барои ҳарб омода месохтанд, ки ин ҳам ташвиши зиёд дорад. Худашон пайваста машқ мекарданд, зеро медонистанд, ки бе машқи пайваста пиёдапойга ё ба кӯҳ баромаданро ӯҳда намекунанд.

Дар байни ҳама машқу тайёриҳо омодагии паҳлавонон ба гӯштӣ фарқ мекард, зеро ба гуфти яке аз паҳлавонони давраи мирӣ, ки дар Бухоро ҳам ном баровараа буд, машқро чунон ҷиддӣ кардан даркор , ки гардан реш бандаду як ҳафта пеш аз ид машқро бас карда, решаро табобат кунӣ. Барои ҳамин ҳам баъзан дар ноҳия на ҳама қуввати сарпанҷаи паҳлавонони Ёгедро доштанд. Онҳо аксаран паҳлавонони мутлақи Наврӯз мегаштанд.

Баробари андак гарм шудани ҳаво, баъди кафидани талхаи замин, ки бо роҳи сӯрох кардану пуф кардани замин муайян мегардид, бачаҳо ба пастхамие, ки Писр ном дошт, рафта, «нахчирбозӣ» мекарданду баъди он гулҳои чағуз (сияхгӯш) ва гулчиғ (бойчечак) чинда, ба бохару модар ва умуман аҳли хонавода оварда, тӯҳфаи Наврӯзӣ мекарданд, - гуфт ҳамсӯҳбатам.

Онҳо гулҳоро чун пайки баҳору Наврӯз бӯса карда, ба дида мемолидандду Худоро шукр мегузоштанд, ки боз ба баҳор расиданд ва орзу мекарданд, ки

*Эй Худованди замину осмон,*
*То ба Наврӯзи дигар моро расон.*

Чизи дигаре, ки мардум дар арафаи ид сахт тарғибу ҷорӣ мекарданд, ин бахшиши гуноҳҳою берун кардани кинаҳо аз синаҳост. Ҷангу хархаша ва қаҳрӣ шуданро дар ин рӯзҳои ҳумоюн фоли бад медонистанд ва ҳатто озурдани ҷонваронy сӯяшон тир холӣ карданро мамнӯъ меҳисобиданд:

*Ба назди меҳону ба назди кеҳон,*
*Ба озори мӯре наарзад ҷаҳон.*

ва дигар

*Рӯзи меҳр аст, меҳрубонӣ кун,*
*К-аз ҳама чиз меҳрубонӣ беҳ.*

Магар аз ин беҳтар даъвате барои амният ҳаст? Аҷаб не, ки Созмони Милали Муттаҳид маҳз ба ҳамин хотир онро чун Иди байналмилалӣ қабул кард.

Дар деҳа бояд арӯси қаҳррафта, одамони ногапи харҳаша кардагӣ набошанд.

Маҳз дар арафаи рӯзи Наврӯз на танҳо хешу таборро хабар мегиранд, балки ҳатман беморон, бечорагонро хабар мегиранду табрик мегӯянд, ба водии хомӯшон рафта, дар ҳаққашон дуо мекунанд. (Гуристон ба шарафи ид тозаю озода карда мешавад).

Инак, наздик шудем ба рӯзи Наврӯз. Шаби идро одатан ҳама дар хонаҳои худ, гирди хони наврӯзӣ, ки аз ёфтаю тофта ва беҳтарин хӯришҳо ороста шудааст, мегузаронанд, то дар давоми сол ҷамъашон парешон нашаваду фаровонии неъмати дастархон ба сол серию пурӣ биёрад.

Тахминан соатҳои чори шаб ҷавонон дар маркази ҳар деҳа гулхани наврӯзӣ фурӯзон мекунанд, ки он то соати 6-6$^{30}$ давом мекунаду дар ин ду соат созу савти мусиқӣ ва рақси гулдухтарону писарон даври гулхан дақиқае хомӯшу ором намешавад. Ҳама сокинони деҳа ба гирди гулхан ҷамъ мешаванд. Аловпарак бо гӯйишҳои:

*«Дух-духи борум (баҳорам) назана,*
*Пашаи борум нагаза*
ва
*Сурхии рӯятро бидеҳ, зардии*
*рӯямро бигир*

сар мешаваду то охир давом мекунад. Барои беҳтарин суруду рақс тӯҳфаҳо супорида мешаванд.

Баъди ношто, ки хеле барвақт ташкил мешавад, табрику муборакбодии одамони номдору хешу табор шурӯъ мегардаду тӯҳфаҳои наврӯзӣ (тухм, себ, ширинӣ) тақдим мешавад. Фарзандон ба зиёрати падару модар ва хешу ақрабо рафта, тӯҳфа мебаранду ҷавобияи фаровону сарупо мегиранд.

Тамоми рӯз дар деҳаҳо савту суруд танинандоз асту дар ҳар ҷо- ҳар ҷо тухмҷангу кабкҷангу хурӯсҷанг, пиёдапойгаю харпойга, вазнбардорию бандкашак, бозиҳои гуногуни дилхушкунанда, ҳазлу шӯхиҳои идона ба назар мерасанду мардум дар онҳо ширкат меварзанду мешунаванд ва истироҳат мекунанд.

Паҳлавонону наврасон роҳ сӯйи маркази ноҳия (пештар маркази шоҳнишин) мегиранд, то дар мусобиқаҳои гӯштигирӣ иштирок намоянд.

Бегоҳ шурӯъ мешавад маъракаи ҷамъомади духтарон, ки дар деҳа чанд гурӯҳанд. Шабона дар хонаи яке аз онҳо таоми наврӯзӣ мепазанду то субҳ рақсу бозӣ ва ширингуфторӣ мекунанд. Ин маъракаи онҳо «ордгирӣ» ном дорад. Ҳар якашон миқдоре орд мебараду болояш тухми мурғ, ки рамзи сафедии бахту давомияти ҳаётанд. Рӯзона боз базму хурсандӣ ва алвонҷакбозӣ давом мекунад.

Ду-се рӯз барномаҳои консертии ҳаваскорони санъату масхарабозони дар хари Афандӣ савор давом мекунаду сайри наврӯзии мардум бо шукронаи пушти сар шудани дай ва илтиҷо аз Худованд, ки «То ба Наврӯзи дигар моро расон!».

Мутасаддиёни базм ба чорабинӣ ҳусни мақтаъ мебахшанд:

*Умеди васл чу дорад диле,*
*ҷаҳонашро*
*Ҳамеша гармиву нурест*
*з-офтоби саҳар…*
*Гузашт фасли баҳору зи нав*
*ба роҳи туст,*
*Дил интизор ба умед то*
*баҳори дигар,*

-иброз дошт дар охири сӯҳбат Адабҷон Амирҷонов.

***Ш.ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»***

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТИ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРУШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРИ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Озмуни №7-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ 13 апрели соли 2012 баргузор менамояд**

| т/р | Мавқеи ҷойгиршавии объекти иҷора | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора | Мӯҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Комбинати полиграфии ш.Душанбе | ш.Душанбе, к.Айнӣ 126 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи якум, масоҳаташ 30м² | маъмурӣ | 1388 | 1 сол |
| 2 | Комбинати полиграфии ш.Душанбе | ш.Душанбе, к.Айнӣ 126 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи якум, масоҳаташ 60м² | истеҳсолӣ | 2349 | 1 сол |
| 3 | КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш.Турсунзода | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи дуюми сехи омезишу исканҷагарии корхона, масоҳаташ 6,08 м² | истеҳсолӣ | 372 | 1 сол |
| 4 | Меҳмонхонаи «Ширкент»-и КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш.Турсунзода | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи якум, масоҳаташ 36,16 м² | истеҳсолӣ | 1572 | 1 сол |
| 5 | Варзишгоҳи «Металлург»-и КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш.Турсунзода | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи якум, масоҳаташ 31 м² | истеҳсолӣ | 1213 | 1 сол |
| 6 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 12-ум, масоҳаташ 34,6 м² | маъмурӣ | 2903 | 1 сол |
| 7 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш.Душанбе, к.Титов 32/2 | масоҳати 0,66 м² аз ҳисоби толори бинои фурудгоҳ | ҷойгиркунии реклама | 554 | 1 сол |
| 8 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш.Душанбе, к.Титов 32/2 | масоҳати 4 м² аз ҳисоби ҳудуди фурудгоҳ | савдо | 2350 | 1 сол |
| 9 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш.Душанбе, к.Титов 32/2 | масоҳати 0,42 м² аз ҳисоби ҳудуди фурудгоҳ барои гузоштани таҷҳизоти бонкӣ | техникӣ | 573 | 1 сол |
| 10 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш.Душанбе, к.Титов 32/2 | масоҳати 12,6 м² аз ҳисоби ҳудуди бинои фурудгоҳ | савдо | 4231 | 1 сол |
| 11 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш.Душанбе, к.Титов 32/2 | масоҳати 70 м² аз ҳисоби ҳудуди фурудгоҳ барои гузоштани 5 адад дӯкон, масоҳати 14 м² аз ҳисоби бинои фурудгоҳ барои гузоштани 1 адад дӯкон, масоҳати 6м² аз ҳисоби бинои фурудгоҳ барои гузоштани 2 адад таҷҳизоти бағочпечонӣ, масоҳати 4130 м² аз ҳисоби таваққуфгоҳ | савдо | 44280 | 3 сол |
| 12 | МД «Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии момогӣ, гинекология ва перинатологии Тоҷикистон» | ш.Душанбе, к.М.Турсунзода 31 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи якум, масоҳаташ 37,1 м² | савдо | 4846 | 2 сол |
| 13 | Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй | ш.Душанбе, к.Ҳамадонӣ | 5 утоқи корӣ, масоҳаташ 135 м² | хӯроки умумӣ | 3178 | 1 сол |
| 14 | Ҷамъияти саҳомии навъи кушодаи «Матбуот» | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 37 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи якум, масоҳаташ 12 м² | маъмурӣ | 1442 | 1 сол |
| 15 | Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.И.Сомонӣ 8 | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи якум, масоҳаташ 134 м² | хӯроки умумӣ | 7387 | 5 сол |
| 16 | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Бохтар 37 | 4 утоқи корӣ дар ошёнаи якум, масоҳаташ 285,6 м² | хӯроки умумӣ | 20077 | 1 сол |
| 17 | Маркази илмии саратоншиносӣ | ш.Душанбе, к.И.Сомонӣ 59 «а» | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи якум, масоҳаташ 24 м² | савдо | 5978 | 1 сол |
| 18 | Роҳи оҳани шаҳри Душанбеи Корхонаи воҳиди мусофирбарии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | ш.Душанбе, к.Привокзалная 1 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи якум, масоҳаташ 5 м² | савдо | 1791 | 2 сол |
| 19 | Роҳи оҳани шаҳри Душанбеи Корхонаи воҳиди мусофирбарии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | ш.Душанбе, к.Привокзалная 1 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи якум, масоҳаташ 3,5 м² | савдо | 930 | 2 сол |
| 20 | Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии «Захираи моддӣ» | ш.Душанбе, к.Абдуллобеков 6/1 | анборхона бо масоҳати 2590 м² | анборхона | 31052 | 2 сол |
| 21 | Донишгоҳи давлати тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 141 | масоҳати 6,4 м² аз ҳисоби ҳудуди донишгоҳ | савдо | 568 | 1 сол |
| 22 | Корхонаи давлатии «Комбинати шарқии металлҳои нодир» | ш.Чкалов, к.Опланчук 12 | масоҳати 236,2 м² аз ҳисоби бинои корхона | маъмурӣ | 5474 | 3 сол |
| 23 | Корхонаи давлатии «Комбинати шарқии металлҳои нодир» | ш.Чкалов, к.Опланчук 12 | масоҳати 129,4 м² аз ҳисоби бинои раёсати №2-и корхона | маъмурӣ | 2999 | 3 сол |
| 24 | МД «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгарди вилояти Суғд» | ш.Хуҷанд, к.Шарқ 7 | 9 утоқи корӣ дар ошёнаи сеюм, 1 коргоҳи истеҳсолӣ, 3 адад анборхона, масоҳати умумӣ 282,9 м² | маъмурӣ | 6364 | 3 сол |
| 25 | Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | ш.Душанбе, к.Н.Қарабоев 56 | 4 утоқи корӣ бо масоҳати 108 м² ва утоқҳои ёрирасон бо масоҳати 127,1 м² дар ошёнаи якум | маъмурӣ | 7124 | 1 сол |
| 26 | Омӯзишгоҳи касбии техникии №66, ш.Душанбе | ш.Душанбе, к.Р.Набиев 264 | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи дуюм, масоҳаташ 40 м² | маъмурӣ | 3600 | 1 сол |
| 27 | Маркази техникии телевизион ва радиои ҷумҳуриявӣ | ш.Душанбе, к.Молодая гвардия 6 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 42,12 м² | истеҳсолӣ | 2372 | 1 сол |
| 28 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Ҳакимзода 19 | масоҳати 49 м² аз ҳисоби саройи хоҷагии нақлиёти корхона | истеҳсолӣ | 4172 | 1 сол |
| 29 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Варзоб | н.Варзоб | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи якум, масоҳаташ 36 м² | савдо | 1781 | 1 сол |
| 30 | Беморхонаи КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | ш.Душанбе, к.Назаршоев 43 | масоҳати 5,02 м² аз ҳисоби даромадгоҳи бинои беморхона | савдо | 1165 | 1 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии озмун- **ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 44.** Тел: **221-73-74, 221-33-66.**

Озмун **соати 10⁰⁰** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як объект баробар аст.

Пардохти кафолатнок тариқи накдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар холати ғолиб баромадан Иҷорагир ба ҳисоби Корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби Корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши объекти иҷора дохил намешаванд. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун бо нишонии зерин: ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 44, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ДАРАК ДИҲЕД!

Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба шаҳрванд Шамсов Кароматулло Сайдалиевич – санаи таваллудаш 16 августи соли 1960, сокини шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Панҷрӯд, ҳавлии 124/1, ки аз соли 2001 бедарак аст, пешниҳод менамояд, ки ба Суди ноҳияи Шоҳмансур ҳозир шавад ё дар бораи маҳалли зисти худ хабар расонад.

Аз ҳамаи онҳое, ки дар бораи ҷойи зисти Шамсов Кароматулло Сайдалиевич маълумоте доранд, ба Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе хабар диҳанд.

## Барҳам мехӯрад

Шаҳрванд Забаров Саъдӣ Яқубович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0188226 бо РЯМ 0930050440 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 23 майи соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

Шаҳрванд Сафаров Садридин Саидович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0027914 бо РЯМ 0930007412 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 15 январи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

Шаҳрванд Шарифов Ҷалол, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0141455 бо РМА 185180841 мебошад ва онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон 13 январи соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

Шаҳрванд Рабиев Фируз Ҳалимович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0052288 бо РЯМ 0930018531 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 24 марти соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.


## Ширкати ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр»

мутахассисони корозмудаи соҳаи иқтисод, ҳуқуқшиносӣ ва молияро ба кор даъват менамояд




**ТАЛАБОТ:**

- ✓ маълумоти олӣ;
- ✓ таҷрибаи корӣ аз рӯйи ихтисос на кам аз 5 сол;
- ✓ истифодаи мустақилонаи компютер (MS, Office, IC);
- ✓ донистани забонҳои хориҷӣ (афзалият ба забони англисӣ дода мешавад);
- ✓ масъулиятшиносӣ, махфият, қобилияти хуби муоширaт.

**ШАРОИТИ КОР:**

- ✓ музди меҳнати арзанда;
- ✓ хизматрасонии иҷтимоии иловагӣ аз ширкати ҳавопаймойӣ (хизматрасонии ройгони тиббӣ дар маркази тиббии саломатӣ ва пешниҳоди чиптаҳои ҳавопаймоии имтиёзнок).

Довталабон мактуби ҳавасмандӣ ва шарҳи ҳоли мухтасарро метавонанд ба нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Титов 32/1 ва ё почтаи электронии a.mavlonov@tajikairlines.com ирсол намоянд.

☏ ТЕЛЕФОНҲО БАРОИ ТАМОС: 48-701-50-45, 48-701-50-34.


## Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Музоядаи №8-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул 19 апрели соли 2012 баргузор менамояд**

| т/р | Номгӯйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Дегхонаи №1 (Марказӣ), Корхонаи давлатии фаръии хоҷагии манзилию коммуналии ноҳияи Ҷ.Расулов, КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | ноҳияи Ҷ.Расулов | 20 000 |
| 2 | Дегхонаи №3 (Артём), Корхонаи давлатии фаръии хоҷагии манзилию коммуналии ноҳияи Ҷ.Расулов, КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | ноҳияи Ҷ.Расулов | 20 000 |
| 3 | Дегхонаи №6 (Райшёлк), Корхонаи давлатии фаръии хоҷагии манзилию коммуналии ноҳияи Ҷ.Расулов, КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | ноҳияи Ҷ.Расулов | 20 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда – ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-16-14 ва ш.Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-96-40-16.

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда **соати 10⁰⁰** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74 , ш.Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-96-40-16** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.** TJ гирифтан мумкин аст.

## Государственное унитарное предприятие по организации продаж государственного имущества Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан

**19 апреля 2012 года проводит аукцион №8 по продаже недвижимости**

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Котельная №1 (Марказӣ), Дочернего предприятия «Жилищно -коммунального хозяйства» Дж.Расуловского района, ГУП «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | Джаббор Расуловский район | 20 000 |
| 2 | Котельная №3 (Артём), Дочернего предприятия «Жилищно-коммунального хозяйства» Дж.Расуловского района, ГУП «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | Джаббор Расуловский район | 20 000 |
| 3 | Котельная №6 (Райшелк), Дочернего предприятия «Жилищно -коммунального хозяйства» Дж.Расуловского района, ГУП «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | Джаббор Расуловский район | 20 000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44.**

Метод проведения: **английский**. Время проведения: **10⁰⁰ часов.**

Место проведение: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, г.Худжанд, ул.Ленина 47/1.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия и безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукцион, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, г.Худжанд, ул.Ленина 47/1, тел: 92-796-40-16**, а также на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан. **WWW.GKI.** TJ


АГРОИНВЕСТБОНК

БОНКИ МАСЪУЛИЯТШИНОС АСТ!



*Қадами тозаи Наврӯз муборак бошад!*
*Ҷашни фархундаву фирӯз муборак бошад!*

www.agroinvestbank.tj +992 (44) 600-68-68


## ТАСҲЕҲ

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад, ки дар даъватномаҳои №604/3-88 аз 1 марти соли 2012 ва №606/3-90 аз 2 марти соли 2012, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» аз санаи 6 марти соли 2012 таҳти №27 (2854) нашр гардида буданд, рӯзи баргузории озмун 27 марти соли 2012 хонда шавад.

## Эътибор надорад

Билети донишҷӯйии №100/07-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 2007 ба Муҳаммадносир Муҳаммадзоҳир додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи хатми синфи ҳаштуми №877593-и гумшуда, ки онро мактаби миёнаи №22, деҳаи Хулозӣ, Ҷамоати деҳоти Муҷихарфи ноҳияи Комсомолобод (ҳоло Нурobod) соли 1977 ба Закиюмллоев Мумин додааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи техникии №2-и гумшуда, ки онро КФББТ-и ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон бо суроғаи ноҳияи Носири Хусрав, хоҷагии деҳқонии Кулли Сӯфиён, кӯчаи рақами 1«а» 7 октябри соли 2008, таҳти феҳрасти №595 ба Холов Салоҳиддин додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0141455 бо РМА 185180841-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон 13 январи соли 2011 ба Шарифов Ҷалол додааст, эътибор надорад.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати даргузашти ходими давлатӣ, собиқ вакили Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КАРИМОВА МАХФИРАТ КАЛОНОВНА**

андӯҳгин буда, ба аҳли оила ва наздикону пайвандони марҳум изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

**Садои мардум**

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 19 марти соли 2012, соати 18.30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26782 нусха

Навбатдори шумора Далер Мерганов

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова